**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
доктори илмҳои техникӣ, профессор
**Назарзода Х.Х.** ____________
«_23_» ___05___ соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

ба диссертатсияи Азизӣ Мӯътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фазои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзӯъ ва маҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Азизӣ Мӯътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фазои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад:
1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ, 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир, 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, 10.Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ,миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15.Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ, 18.Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ, 19.Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ, 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба муҳити соҳибкорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори фазои фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҳамзамон, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи муҳими рушди иқтисоди миллӣ - такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ

бахшида шудааст. Дар шароити муосир соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, густариши рақобат, ҷалби сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани навовариҳо ба ҳисоб меравад. Самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ бошад, ба сатҳи рушди инфрасохтори молиявӣ, истеҳсолӣ, нақлиётӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва кадрӣ вобастагии мустақим дорад.

Муҳимияти масъала дар санадҳои стратегии кишвар низ инъикос ёфта, зарурати беҳтар намудани дастрасии бахши хусусӣ ба захираҳои молиявӣ, иттилоот, технология, дониш ва хизматрасониҳои давлатӣ таъкид мегардад. Ҳамзамон, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ бояд на танҳо аз нуқтаи назари мавҷудияти объектҳои инфрасохторӣ, балки аз ҷиҳати сифати хизматрасонӣ, дастрасии ҳудудӣ, ҳамоҳангии институтсионалӣ ва самаранокии иқтисодии онҳо арзёбӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, таҳлили вазъи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, арзёбии самаранокии он, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилии рушди он дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, мубрамии интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд.** Дар диссертатсия натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии дорои унсурҳои навгонии илмӣ таҳия ва асоснок гардидаанд. Арзёбии муҳтавои таҳқиқот нишон медиҳад, ки навгонии илмии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар самтҳои зерин ифода меёбад:

- мазмуни иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ мушаххас ва аз ҷиҳати назариявӣ такмил дода шуда, он ҳамчун низоми динамикӣ ва ба ҳам алоқаманди объектҳо, ниҳодҳо, хизматрасониҳо, қоидаҳо ва захираҳо баррасӣ гардидааст, ки барои субъектҳои соҳибкорӣ дастрасӣ ба имкониятҳои зарурӣро таъмин намуда, ба коҳиши хароҷот, хавф ва вақти муомилот мусоидат мекунад. Дар ин замина, таҳаввули инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ба чор марҳилаи асосӣ - моддию техникӣ, бозорию институтсионалӣ, донишу инноватсионӣ ва рақамӣ - ҷудо карда шуда, сохтори он аз рӯйи ҳафт зернизоми асосӣ: институтсионалию ҳуқуқӣ, истеҳсолию логистикӣ, молиявию сармоягузорӣ, бозорию тиҷоратӣ ва касбӣ, иттилоотию рақамӣ, инноватсионию технологӣ ва кадрию иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ гардидааст. Чунин равиш имконият медиҳад, ки инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ

ҳамчун низоми ягона ва дорои робитаҳои мутақобила арзёбӣ карда шавад;

- равиши методии арзёбии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода шуда, дар он таҳлили тамоюлҳои тағйирёбӣ, сохтор, дастрасӣ, иқтидор, дараҷаи истифода ва натиҷабахшии унсурҳои инфрасохтор бо арзёбии робитаҳои байни нишондиҳандаҳои асосӣ ба таври маҷмуӣ пайваст карда шудааст. Дар асоси равиши пешниҳодшуда номувозинатии рушди унсурҳои инфрасохтор ва фарқи байни афзоиши миқдории онҳо ва дастрасии воқеии хизматрасониҳо муайян гардида, робитаи омории рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо пардохтҳои ғайринақдӣ, сармоягузорӣ, савдо, боркашонӣ, истифодаи интернет ва рушди роҳҳо таҳлил шудааст. Дар баробари ин, бо истифода аз натиҷаҳои таҳлил дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои интихобшуда то соли 2035 асоснок карда шудааст, ки барои арзёбии самтҳои минбаъдаи рушди инфрасохтори соҳибкорӣ аҳаммияти методӣ дорад;

- механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок карда шудааст. Механизми пешниҳодшуда низоми ба ҳам алоқаманди қоидаҳо, субъектҳо, ваколатҳо, робитаҳои институтсионалӣ, стандартҳои хизматрасонӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва назоратро дар бар гирифта, зинаҳои стратегӣ, ҳамоҳангсозию функсионалӣ, ҳудудӣ ва операториро фаро мегирад. Барои таъмини татбиқи амалии он истифодаи феҳристи ягонаи унсурҳо ва хизматрасониҳои инфрасохторӣ, шиносномаи ҳудудӣ, стандарти хизматрасонӣ, шиносномаи раванд, шартномаи натиҷавӣ ва низоми мониторинги маълумотӣ пешниҳод ва асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, дар доираи механизми мазкур равиши портфелӣ ба ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод гардида, ҳангоми арзёбӣ ва интихоби лоиҳаҳои инфрасохторӣ маҷмуи омилҳо, аз ҷумла мушкилоти мавҷудаи инфрасохторӣ, шумораи истифодабарандагон, таъсири лоиҳа ба зернизомҳои инфрасохтор, омодагии техникӣ, хароҷоти давраи ҳаёт, сатҳи дастрасии хизматрасонӣ ва тақсимоти хавфҳо ба назар гирифта мешавад;

Ҳамин тавр, навгонии илмии диссертатсия дар рушди муқаррароти назариявӣ, такмили равишҳои методии баҳодиҳии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳияи маҷмуи пешниҳодҳои илман асоснокшуда, ки ба шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд, ифода меёбад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар интихоб ва асоснок намудани мавзӯи таҳқиқот, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, таҳия ва татбиқи усулҳои таҳлил ва коркарди маводи назариявию оморӣ ифода меёбад. Муаллиф адабиёти илмиро оид ба рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил ва ҷамъбаст намуда, мафҳуму мазмуни иқтисодии инфрасохторро такмил дода, марҳилаҳои таҳаввул ва гурӯҳбандии унсурҳои асосии онро пешниҳод кардааст.

Саҳми мустақими довталаб инчунин дар таҳия ва асоснок намудани механизми институтсионалию ташкилии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, пешниҳод намудани самтҳои такмили шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин рушди инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодшуда бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф таҳия гардида, дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 190 саҳифаи компютерӣ таҳия гардидааст. Дар кори диссертатсионӣ 34 ҷадвал, 7 расм ва 12 диаграмма истифода гардида, рӯйхати адабиёти истифодашуда 133 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи коркарди илмии масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва саҳми шахсии довталаб асоснок карда шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва тавсияҳо барои татбиқи амалии онҳо пешниҳод гардидаанд.

Боби аввал - «Асосҳои назариявию методии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ» ба баррасии моҳият ва мазмуни иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, таҳаввули назариявии он, муайян намудани унсурҳо ва зернизомҳои асосӣ, инчунин таҳлили равишҳои методии баҳодиҳии инфрасохтори соҳибкорӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф мафҳуми инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро такмил дода, хусусияти низомнок ва байниҳамалоқамандии унсурҳои онро асоснок менамояд.

**Дастовардҳои асосии боби якуми диссертатсия**

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ» масъалаҳои назариявию методологии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ба даст оварда шудаанд:

- мазмуни иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун низоми динамикӣ ва ба ҳам алоқаманди объектҳо, ниҳодҳо, хизматрасониҳо, қоидаҳо ва захираҳо дақиқ карда шуда, нақши он дар коҳиши хароҷот, хавф ва вақти муомилоти соҳибкорӣ асоснок гардидааст (саҳ. 20-24);

- таҳаввули инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ба чор марҳила - моддию техникӣ, бозорию институтсионалӣ, донишу инноватсионӣ ва рақамӣ ҷудо карда шуда, таркиби он аз рӯйи ҳафт зернизоми функсионалӣ гурӯҳбандӣ гардидааст. Мазмун ва пайдарҳамии марҳилаҳои мазкур дар расми 1.1 ба таври возеҳ инъикос ёфтааст (расми 1.1, саҳ. 24-25);

- модели таъсири инфрасохтор ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таҳия гардида, робитаи функсионалии унсурҳои инфрасохтор бо дастрасии захираҳо, коҳиши хароҷоти муомилот, рушди рақобатпазирӣ, шуғл ва устувории фаъолияти соҳибкорӣ нишон дода шудааст (расми 1.2, саҳ. 28);

- дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии кишварҳои пешрафта ва давлатҳои дорои моделҳои гуногуни рушди соҳибкорӣ хусусиятҳои асосии ташаккули инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ муайян ва имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои мусбати онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд (ҷадвали 1.4, саҳ. 60; саҳ. 61-65);

- дар натиҷаи ҷамъбасти таҳқиқоти назариявӣ зарурати ташаккули инфрасохтори ҳамгирои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси мувозинат ва ҳамоҳангсозии унсурҳои он асоснок гардида, муносибати «эҳтиёҷ - хизматрасонӣ - натиҷа - алоқаи бозгашт» ҳамчун заминаи такмили низоми инфрасохторӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 61-65).

1. Муайян ва дақиқ намудани мазмуни иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун низоми ягонаи ба ҳам алоқаманд. Муаллиф дар асоси омӯзиши равишҳои назариявӣ инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро на танҳо ҳамчун маҷмуи объектҳо, балки ҳамчун низоми динамикии объектҳо, ниҳодҳо, хизматрасониҳо, қоидаҳо ва захираҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба соҳибкорон дастрасӣ ба имкониятҳои заруриро таъмин намуда, ба коҳиши хароҷот, хавф ва вақти муомилот мусоидат менамояд, шарҳ медиҳад. Ин мавқеи назариявӣ барои фарқ

намудани инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ аз инфрасохтори бозорӣ ва сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ аҳаммияти методологӣ дорад (саҳ. 20-24). Таҳия намудани даврабандии таҳаввули инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва пешниҳоди таснифи функсионалии он. Яке аз натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳи боби якум ҷудо намудани таҳаввули инфрасохтори соҳибкорӣ ба чор марҳила - моддию техникӣ, бозорию институтсионалӣ, донишу инноватсионӣ ва рақамӣ мебошад. Ҳамзамон, муаллиф таркиби инфрасохторро ба ҳафт зернизоми функсионалӣ: институтсионалию ҳуқуқӣ, истеҳсолию логистикӣ, молиявию сармоягузорӣ, бозорию тиҷоратӣ ва касбӣ, иттилоотию рақамӣ, инноватсионию технологӣ ва кадрию иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ менамояд. Ин натиҷа дар расми 1.1 ба таври аёнӣ инъикос гардидааст (расми 1.1, саҳ. 24-25).

2. Гузаронидани таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ ва муайян намудани унсурҳои қобили мутобиқсозӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зербоби 1.3 таҷрибаи як қатор кишварҳо ва минтақаҳо, аз ҷумла кишварҳои пешрафтаи Аврупо, ИМА ва Канада, Амрикои Лотинӣ, Чин, кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Россия ва Беларус таҳлил гардидааст. Дар натиҷа муаллиф таъкид менамояд, ки таҷрибаи хориҷӣ набояд механикӣ нусхабардорӣ шавад, балки принсипҳои низомнок, ҳамоҳангсозии унсурҳои инфрасохтор, дастрасии воқеии хизматрасонӣ, интиқоли дониш ва технология бояд бо назардошти шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд (ҷадвали 1.4, саҳ. 60; хулосаҳои таҳлилӣ, саҳ. 61-65).

Натиҷаи муҳими боб асоснок намудани зарурати модели ҳамгирои институтсионалӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ барои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина, шаш самти афзалиятнок - интиқоли дониш ва технология, хизматрасониҳои тиҷоратию касбӣ, инфрасохтори истеҳсолию иттилоотӣ, инфрасохтори бозорӣ, институтҳои дастрасӣ ба бозор ва инфрасохтори иҷтимоию фарҳангӣ - пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, зарурати рақамикунонии хизматрасониҳо, таҳкими робитаи корхонаҳои калон бо субъектҳои соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори минтақавӣ ва ташкили низоми баҳодиҳии натиҷавии инфрасохтор асоснок карда шудааст.

Дар хулосаи боби якуми диссертатсия таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил гардида, қонуниятҳо ва самтҳои асосии истифодаи он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян

карда шудаанд. Муаллиф бар асоси таҷрибаи кишварҳои Аврупо, ИМА ва Канада, Чин, Кореяи Ҷанубӣ, давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Россия ва Беларус муқаррар менамояд, ки самаранокии инфрасохтори соҳибкорӣ пеш аз ҳама ба ҳамоҳангии инфрасохтори истеҳсолӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, тиҷоратию касбӣ ва бозорӣ вобаста мебошад.

Дар боби дуюм - «Таҳлили ҳолат ва арзёбии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи муосири инфрасохтори соҳибкорӣ, динамика ва сохтори нишондиҳандаҳои асосӣ, сатҳи дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, иттилоотию рақамӣ, истеҳсолӣ, логистикӣ ва дигар унсурҳои инфрасохтор таҳлил гардидааст. Дар асоси таҳлили оморӣ робитаи рушди соҳибкорӣ бо як қатор омилҳои инфрасохторӣ арзёбӣ шуда, мушкилот ва номувозинатиҳои мавҷуда муайян ва дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои интихобшуда асоснок карда шудааст.

Вобаста ба боби дуюми диссертатсия натиҷаҳои таҳлилӣ ва арзёбиии бадастомадаро метавон ҳамчун дастовардҳои асосии илмии муаллиф чунин ҷудо намуд:

1. Тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъминоти инфрасохторӣ таҳлил ва муайян карда шудаанд. Дар асоси маълумоти оморӣ динамика ва сохтори субъектҳои хоҷагидор дар солҳои 2020-2024 таҳлил гардида, афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидор аз 335 306 то 358 608 адад, ё 6,9 фоиз, муайян карда шудааст. Ҳамзамон, таъсири рушди инфрасохтори молиявӣ, нақлиётӣ, истеҳсолӣ, рақамӣ ва дигар унсурҳои инфрасохтор ба рушди соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст (саҳ. 66-81, ҷадвали 2.1 ва дигар маводи таҳлилӣ).

2. Имкониятҳо ва иқтидори инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудаанд. Муаллиф динамикаи нишондиҳандаҳои асосии инфрасохторӣ, аз ҷумла таъминоти энергетикӣ, роҳу нақлиёт, боркашонӣ, истифодаи интернет, хизматрасониҳои молиявӣ ва рақамиро таҳлил намуда, захираҳо ва маҳдудиятҳои мавҷудаи рушди инфрасохторро муайян кардааст. Аз ҷумла, тағйирёбии нишондиҳандаҳои таъминоти инфрасохторӣ барои солҳои 2019-2024 дар ҷадвали 2.10 ҷамъбаст шудааст (саҳ. 82-105, ҷадвали 2.10).

3. Равиши комплексии баҳодиҳии самаранокии таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва татбиқ гардидааст. Дар он ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, интихоби нишондиҳандаҳои

инфрасохторӣ, ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои динамикӣ, стандартикунонӣ, муайян намудани вазни нишондиҳандаҳо, ҳисоб намудани индекси интегралии самаранокӣ ва муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳои баҳодиҳӣ пешбинӣ шудааст. Ин равиш дар расми 2.1, саҳ. 107 ба таври мушаххас пешниҳод гардидааст.

4. Сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтори соҳибкорӣ бо истифода аз баҳодиҳии интегралӣ муайян карда шудааст. Натиҷаҳои ҳисобҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2019-2024 ҳаҷми қарзҳои ба соҳибкорон додашуда 375,0 фоиз, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ 1037,2 фоиз ва сармоягузорӣ 795,5 фоиз афзоиш ёфтаанд. Дар асоси маҷмӯи нишондиҳандаҳо индекси интегралии самаранокии таъминоти инфрасохторӣ 348,6 ҳисоб гардида, сатҳи рушди инфрасохтор «хеле баланд» арзёбӣ шудааст (саҳ. 109-113, ҷадвали 2.17).

Боби сеюм - «Такмили механизмҳои институтсионалию ташкилии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ» ба таҳияи самтҳои такмили идоракунии инфрасохтори соҳибкорӣ бахшида шудааст. Дар он механизми институтсионалию ташкилии рушди инфрасохтор, воситаҳои ҳамоҳангсозӣ ва мониторинг, имкониятҳои истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин самтҳои рушди инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод ва асоснок карда шудаанд.

Вобаста ба боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои асосии илмӣ ва амалии бадастовардаи муаллифро метавон ба таври зайл ҷудо намуд:

Механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода шудааст. Муаллиф механизми мазкурро дар асоси сатҳҳои макро, мезо ва микро, бо муайян намудани ваколатҳо, масъулият, стандартҳои хизматрасонӣ, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳо пешниҳод намудааст. Дар сохтори он феҳристи ягонаи инфрасохтор, шиносномаи ҳудудӣ, стандарти хизматрасонӣ, маркази ҳамгирои хизматрасонӣ, шартномаи натиҷавӣ ва нишондиҳандаҳои KPI пешбинӣ гардидаанд (саҳ. 126-135, расми 3.1 ва расми 3.3). Модели портфели мутавозини шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф механизми интихоби лоиҳаҳои инфрасохториро аз рӯйи ташхиси талабот, интихоби шакли татбиқ, омодасозии лоиҳа, маблағгузорӣ ва тақсимоти хавф, инчунин назорати натиҷаҳо пешниҳод менамояд. Барои интихоби лоиҳаҳо низоми меъёрҳои иқтисодӣ, фарогирии ҳудудӣ, қобилияти буҷетӣ, бонкпазирӣ, омодагӣ, тақсимоти

хавф ва устувории экологию иқлимӣ муайян карда шудааст (саҳ. 141-150, расми 3.4, ҷадвали 3.5). Самтҳои рушди унсурҳои асосии инфрасохтори соҳибкорӣ дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мушаххас карда шудаанд. Аз ҷумла, барои зернизомҳои истеҳсолию энергетикӣ, нақлиётию логистикӣ ва молиявию сармоягузорӣ механизмҳои ҷалби бахши хусусӣ, омодасозии лоиҳаҳо, тақсимоти хавф ва истифодаи воситаҳои маблағгузорӣ пешниҳод гардидаанд. Таъкид шудааст, ки лоиҳаҳои инфрасохторӣ бояд на танҳо аз рӯйи даромаднокӣ, балки аз рӯйи саҳмашон дар бартараф намудани номутавозинии умумии инфрасохтор арзёбӣ шаванд (саҳ. 144-150). Самтҳои ташаккул ва такмили инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Дар ин самт истифодаи принсипи «як бор пешниҳод кардани маълумот», ҳамгироии феҳристҳои давлатӣ, мубодилаи байниидоравии додаҳо, идентификатсияи электронӣ, API-и умумӣ ва такмили платформаҳои рақамии хизматрасонӣ пешниҳод шудааст. Муаллиф зарурати гузариш аз рақамикунонии формалӣ ба хизматрасонии пурраи рақамӣ - аз пешниҳоди ариза то гирифтани натиҷаи электронӣ -ро асоснок менамояд (саҳ. 153-160). Низоми баҳодиҳии натиҷабахшии идоракунӣ ва рушди инфрасохтори соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф истифодаи нишондиҳандаҳои ҳамоҳангсозӣ, дастрасӣ ва индекси маҷмуии рушди инфрасохторро асоснок намуда, пешниҳод мекунад, ки натиҷаҳо аз рӯйи занҷири «захира - раванд - хизматрасонӣ - натиҷа - таъсир» баҳогузорӣ шаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки таъсири инфрасохтор на танҳо аз рӯйи шумораи объектҳо ва хизматрасониҳо, балки аз рӯйи дастрасӣ, сифати хизмат, коҳиши вақт ва хароҷоти соҳибкорон, афзоиши сармоягузорӣ, истеҳсолот ва ҷойҳои корӣ муайян карда шавад (саҳ. 132-135, 147-150, 159-160).

Дар хулосаи боби сеюми диссертатсия самтҳои асосии такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва механизмҳои татбиқи амалии онҳо асоснок карда шудаанд. Муаллиф барои ҷорӣ намудани чораҳои такмили инфрасохтори рақамӣ марҳилаҳои пайдарпайи омодагӣ, озмоиш, тавсеа ва мустаҳкамсозӣ-ро пешниҳод намуда, барои ҳар марҳила мазмуни кор, натиҷаи интизоршаванда ва шарти гузариш ба марҳилаи минбаъдаро муайян кардааст. Чунин тартиб имкон медиҳад, ки пеш аз татбиқи васеъ натиҷаи хизматрасониҳои интихобшуда санҷида шуда, камбудиҳои техникӣ ва ташкилӣ сари вақт бартараф карда шаванд (саҳ. 166-167, ҷадвали 3.9). Дар диссертатсия механизми ташаккули маблағгузорӣ ва таъмини устувории инфрасохтори рақамӣ низ асоснок

гардида, истифодаи маблағҳои барномаҳои давлатӣ, буҷети соҳавӣ, сармоягузории операторони хусусӣ ва дастгирии шарикони рушд пешбинӣ шудааст.

Дар маҷмӯъ, дар боби сеюм чораҳои воқеӣ ва иҷрошавандаи такмили инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод гардидаанд, ки такмили хизматрасониҳои мавҷуда, ҳамоҳангсозии маълумот, татбиқи принсипи «як маротиба пешниҳод кардани маълумот», беҳтар намудани дастрасии минтақавӣ, ба инобат гирифтани талаботи гурӯҳҳои гуногуни соҳибкорон, иштироки бахши хусусӣ, рушди малакаҳои рақамӣ ва ҳифзи маълумотро фаро мегиранд (саҳ. 167-168).

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои илмии бадастомада, дараҷаи навгонии онҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ ва саҳми шахсии довталаб ба талаботи муқаррargгардида барои таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат намуда, барои гирифтани дараҷаи илмии дархостшаванда асоси зарурӣ фароҳам меоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи заминаҳои эътирофшудаи назариявию методологӣ, маҷмуи усулҳои илмии ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ, инчунин коркарду таҳлили маълумоти расмии оморӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот маълумоти оморӣ ва манбаъҳои гуногуни иттилоотиро муқоиса намуда, нишондиҳандаҳои динамикиро дар давраи таҳлилшаванда ба таври низомнок баррасӣ кардааст, ки барои объективона арзёбӣ намудани ҳолат ва тамоюлҳои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада инчунин бо истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо ва диаграммаҳо, ки натиҷаҳои ҳисобу таҳлилҳоро инъикос менамоянд, тақвият ёфтааст. Ҳангоми таҳлили коррелятсионӣ муаллиф робитаи омориро аз муносибати сабабию натиҷавӣ фарқ намуда, маҳдудиятҳои вобаста ба ҳаҷм ва сифати маълумоти мавҷударо ба назар гирифтааст. Ин ҳолат барои дуруст ва эҳтиёткорона шарҳ додани натиҷаҳои таҳлили миқдорӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ асоснок ва барои истифодаи минбаъда дар таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи чораҳои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ қобили қабул арзёбӣ намуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи тақризшаванда пешниҳодгардида аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва пайдарҳамии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот мувофиқат намуда, бо

натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, методӣ ва амалии муаллиф асоснок карда шудаанд. Дар диссертатсия масъалаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ва дар асоси муносибати низомӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои институтсионалӣ, истеҳсолию логистикӣ, молиявию сармоягузорӣ, бозорию тиҷоратӣ, иттилоотию рақамӣ, инноватсионию технологӣ ва кадрию иҷтимоии рушди соҳибкорӣ дар алоқамандӣ баррасӣ гардидаанд.

. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил инчунин дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои интихобшуда то соли 2035 муайян гардида, барои такмили механизми институтсионалию ташкилии идоракунӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ташаккули инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ пешниҳодҳои дахлдор таҳия шудаанд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда инчунин бо истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва оморӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот натиҷаҳои корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии мақомоти давлатӣ ва маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти омории байналмилалӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, натиҷаҳои илмии бадастоварда ва маводи таҳлилии пешниҳодшуда мутобиқ буда, аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ асоснок мебошанд. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили заминаҳои илмӣ-методии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳияи самтҳои минбаъдаи сиёсати дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар рушди заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муаллиф мазмуни иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро мушаххас намуда, таҳаввули онро ба чор марҳила - моддию техникӣ, бозорию институтсионалӣ, донишу инноватсионӣ ва рақамӣ - ҷудо ва сохтори онро дар ҳафт зернизоми асосӣ гурӯҳбандӣ кардааст. Дар асоси таҳлил робитаи омории рушди соҳибкорӣ бо пардохтҳои ғайринақдӣ, сармоягузорӣ, савдо, боркашонӣ, истифодаи интернет ва роҳҳо муайян гардида, дурнамои нишондиҳандаҳои интихобшуда то соли 2035 асоснок карда шудааст. Ин

натиҷаҳо барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар самти иқтисоди соҳибкорӣ ва инфрасохтори он аҳаммияти методологӣ доранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар таҳия ва асоснок намудани маҷмуи механизмҳо ва воситаҳои такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтор бо фарогирии зинаҳои стратегӣ, ҳамоҳангсозию функсионалӣ, ҳудудӣ ва операторӣ пешниҳод шудааст. Барои татбиқи он истифодаи феҳристи ягонаи унсурҳо ва хизматрасониҳо, шиносномаи ҳудудӣ, стандарти хизматрасонӣ, шиносномаи раванд, шартномаи натиҷавӣ ва мониторинги маълумотӣ асоснок гардидааст. Ин пешниҳодҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои рушди инфрасохтори соҳибкорӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок намудани самтҳои баланд бардоштани самаранокии таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ ифода меёбад. Муаллиф дар асоси арзёбии маҷмуии унсурҳои инфрасохтор нишондиҳандаи интегралии самаранокии онро ҳисоб намуда, арзиши индекси маҷмуиро 348,6 муайян кардааст, ки тибқи ҷадвали баҳодиҳии пешниҳодшуда ба сатҳи баланди самаранокӣ мансуб дониста шудааст. Натиҷаи мазкур имкон медиҳад, ки ҳолати инфрасохтори соҳибкорӣ на танҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои алоҳида, балки дар шакли маҷмуӣ арзёбӣ карда шавад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ мавҷудияти робитаи назарраси омории байни рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва як қатор унсурҳои инфрасохторро нишон дода, барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор заминаи таҳлилӣ фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳо** инчунин дар пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди инфрасохтори истеҳсолию логистикӣ, молиявию сармоягузорӣ, бозорию тиҷоратӣ, иттилоотию рақамӣ ва инноватсионию технологӣ ифода меёбад. Татбиқи чунин пешниҳодҳо метавонад ба коҳиш додани хароҷоти муомилот, хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва вақти гирифтани хизматрасониҳо, беҳтар намудани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳо ва бозорҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми муайян намудани самтҳои

афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** пеш аз ҳама бо таъсири рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ба васеъ гардидани имкониятҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ташкили муҳити мусоиди соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, иттилоотию рақамӣ, касбӣ, логистикӣ ва бозорӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла субъектҳои хурду миёна ва соҳибкорони минтақаҳо, метавонад ба васеъшавии фаъолияти иқтисодӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл мусоидат намояд. Дар ин замина, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ арзёбӣ мегардад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои марбут ба инфрасохтори рақамӣ** дар он ифода меёбад, ки муаллиф сохтори функсионалии инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкориро дар чор зина - пайвастшавӣ ва иқтидори ҳисоббарорӣ, эътимод ва додаҳо, хизматрасониҳои муштараки давлатӣ ва бозорӣ, истифода ва навоварӣ - муайян кардааст. Барои рушди он интихоби равандҳои серистифода, таҳияи шиносномаи хизматрасонӣ, ҳамоҳангсозии феҳристҳо, беҳтар намудани дастрасии ҳудудӣ, рушди малакаҳои рақамӣ ва мониторинги нишондиҳандаҳо пешниҳод шудаанд. Ин натиҷаҳо метавонанд дар такмили хизматрасониҳои рақамӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои онҳо бо сохторҳои давлатӣ ва бозорӣ истифода шаванд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада, истифодаи пешниҳодҳои диссертатсияро дар таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди соҳибкорӣ, такмили инфрасохтори иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва баланд бардоштани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ мақсаднок шуморидан мумкин аст. Пешниҳодҳои методии муаллиф метавонанд барои арзёбии иқтидор ва самаранокии инфрасохтори соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ истифода гардида, натиҷаҳои назариявию методӣ дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва таҳқиқоти минбаъда оид ба иқтисоди соҳибкорӣ ва рушди инфрасохтор истифода шаванд.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ-амалии натиҷаҳои бадастомада, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои ба такмил ниёздошта ва ҷанбаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки ҳамчун эроду тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар диссертатсия моҳияти иқтисодии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, сохтор ва унсурҳои асосии он ба таври муфассал таҳлил гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо фарқияти функсионалии унсурҳои инфрасохтори анъанавӣ ва инфрасохтори рақамӣ пурратар шарҳ дода нашудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъда ҳудуди функсионалӣ ва робитаи байни унсурҳои инфрасохтори рақамӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва бозорӣ мушаххастар муайян карда шавад.

2. Ҳангоми таҳлили рушди фаъолияти соҳибкорӣ бештар ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва динамикаи субъектҳои соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои сифатии дастрасӣ ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла сатҳи қаноатмандии соҳибкорон, сифати хизматрасонӣ ва арзиши истифодаи инфрасохтор, метавонистанд васеътар истифода шаванд. Тавсия мешавад, ки чунин нишондиҳандаҳо дар арзёбиҳои минбаъда ба назар гирифта шаванд.

3. Дар қисми арзёбии имконият ва самаранокии инфрасохтор як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва оморӣ истифода шудаанд. Бо вуҷуди ин, таъсири омилҳои минтақавӣ ва фарқияти сатҳи рушди инфрасохтор дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ нисбатан маҳдуд инъикос ёфтааст. Ба назари мо, таҳлили муқоисавии минтақаҳо метавонад барои муайян намудани нобаробарии инфрасохторӣ ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди он натиҷаҳои иловагӣ диҳад.

Дар маҷмӯъ, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, ба инобат гирифтани онҳо метавонад барои амиқтар намудани таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмии баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва пайдарҳамии мантиқии баёни масъалаҳои илмӣ ба талаботи

муқаррааргардида ҷавобгӯ мебошад. Муҳтавои диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, масъалаҳои гузошташуда дар доираи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пайгирона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертатсия бо риояи талаботи муқаррааргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба талаботи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, тартиби омода намудан ва ташхиси диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ ва дигар меъёрҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Кори диссертатсионӣ бо забони давлатӣ, бо истифодаи истилоҳоти қабулшудаи илмӣ ва иқтисодӣ навишта шуда, услуби баёни маводи илмӣ риоя гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли ҷадвалҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва ҳисобҳои таҳлилӣ пешниҳод гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, таҳлилҳои оморӣ, арзёбии рушди соҳибкорӣ ва инфрасохтори он бармеоянд. Автореферат ва мақолаҳои илмии муаллиф мазмуни асосии диссертатсия, аз ҷумла натиҷаҳои таҳқиқот ва пешниҳодҳои илмии онро инъикос менамоянд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ бахшида шуда, дар он ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф инчунин муносибатҳои оморӣ байни фаъолияти соҳибкорӣ ва унсурҳои инфрасохторро таҳлил намуда, самтҳои такмили механизми институтсионалию ташкилии идоракунӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ташаккули инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкориро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, навгониҳои илмии пешниҳодшуда бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот алоқамандии мантиқӣ дошта, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф аз натиҷаҳои таҳлил ва ҳисобҳои дар диссертатсия овардашуда бармеоянд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Азизӣ Муътабар

Гулмаҳмад ба талаботи муқаррargardида барои диссертатсияҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси талаботи бандҳои дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод мегардад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нидоев П.Ф. омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ташкили соҳибкории донишгоҳ мавриди муҳокима ва тасдиқ қарор дода шудааст. (Протоколи ҷаласа №_2_ аз «19» ____09____ соли 2026.)

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 34 нафар, зид - нест бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон н.и.и., дотсент Нидоев П.Ф.

**Эксперт:**

Профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон д.и.и., Толибзода Қ. Қ.

**Котиби ҷаласа:**

Дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ташкили
соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, Хоҷазода Д. Б.

*Имзои Нидоев П.Ф., Толибзода Қ.Қ. ва Хоҷазода Д.Х - ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон:+992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46.
Email:mail@tguk.tj; tguk2023@gmail.com. www:www.tguk.tj